«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
_______________ Раҳмон Д.С.
“ ______________ 2025

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Раҳимзода Файзимо Гурез дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)

Муҳиммияти мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи Раҳимзода Файзимо Гурез дар муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлил ва хулосабарорӣ аз иттилооти бадастоварда иборат мебошанд. Дар баробари ин, аз ҷониби унвонҷӯ шароити педагогии зарурӣ барои ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ коркард гардида, он дар амалияи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ тасвибу тасдиқ гардидааст.

Ҳадафи асосии таҳқиқотро унвонҷӯ дуруст муайян карда аст, ки он асосноксозии назариявӣ ва тасвиб намудани шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ мебошад ва мутмаинем, ки унвонҷӯй ба мақсади дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштааш ноил шудааст.

Таҳлилу баррасии диссертатсияи Раҳимзода Файзимо Гурез аз он далолат мекунад, ки мавсуф дар воқеъ аз ӯҳдаи коркарди илмии мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобкардааш баромада, дар ҷараёни таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ моҳияти мафҳуми ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабиро дар фаъолияти бозӣ таҳқиқ намудааст, вижагиҳо ва имконоти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар робита ба ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ

ошкор намуда, асосноккунии назариявии меъёру нишондиҳандаҳои зарурӣ барои муайян намудани дараҷаи ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабиро муайян ва таъмин намудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки дар диссертатсия вижагиҳо ва имконоти муассисаи таҳсилоти томактабӣ дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ ошкор карда шуда, меъёру нишондиҳандаҳои муайянкунии дарчаи инкишофи онҳо нишон дода шуда, ба таври муфассал шарҳу тафсил карда шудаанд ва мутмаинем, ки минбаъд ин меъёрҳо метавонанд барои маъмурият ва мураббиёни муассисаи таҳсилоти томактабӣ ҳамчун як дастурамали ташхиси сатҳи ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон хизмат кунанд.

Аҳамияти таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимзода Файзимо Гурез дар он аст, ки он бо дарназардошти талаботи замони муосир ба ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар заминаи муқаррароти асосии Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 ва Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 коркард ва пешниҳод шудааст.

Бинобар ин, таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти амиқи назариявию амалӣ буда, шароитҳои педагогии ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактаби ошкор ва ҷиҳати илмиву амалӣ асоснок шудаанд.

Унвонҷӯ мақсади таҳқиқотро дар ошкор намудан ва коркарди илмии асосҳои назариявии шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактаби дар асоси барномаи таҳиягардидаи педагогӣ инъикос намуда, барои анҷом додани пажӯҳиши илмӣ ҳаллу фасли масъалаи муҳимро ба монанди:
муайян кардани моҳият ва хусусиятҳои ташкили бозӣ дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактаби, собит намудани раванди педагогӣ – психологии ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ, таҳлилу такмили фаъолияти бозӣ, ҳамчун воситаи муҳими инкишофи кӯдакони синни томактабӣ, муайян ва мушаххас намудан, имконияти фароҳам овардани шароитҳо ва муҳити педагогӣ-психологии барои ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ, коркард намудани барномаи педагогии ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабиро муайян сохта, дар тамоми ҷараёни таҳқиқот оид ба ин масъала кор карда, онро ба риштаи таҳқиқ ва пажӯҳиш кашидааст. Бояд тазаккур дод, ки унвонҷӯй дар ҳалли

масъалаи мазкур ва вазифаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштааш комёб шудааст.

Муаллиф фарзияи илмии таҳқиқотро воқеъбинона, аз нигоҳи илмӣ-назарӣ пешбинӣ карда чунин мешуморад, ки барои ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ ба инобат гирифтани хусусиятҳои фардӣ, равонӣ, маънавӣ, шавқу ҳавас, дарккунӣ ва маърифатии кӯдакон ҳангоми бозӣ; ба роҳ мондани хусусият ва усули кори муассисаҳои томактабӣ дар самти ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш; роҳандозии барномаҳои ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар муассисаҳои томактабӣ бо роҳҳои инноватсионӣ; ба роҳ мондани коркарду иҷроиши барномаҳо дар самти ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар муассисаҳои томактабӣ бо мутобиқит ба стандарт зарур мебошанд.

Таҳлилу баррасии натиҷаҳои таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озоишӣ анҷомдодаи унвонҷӯй Раҳимзода Файзимо Гурез аз он дарак медиҳад, ки фарзияҳои пешниҳодшуда тасдиқи амалии худро ёфтаанд.

**Навгонӣ ва аҳамияти илмиву амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Дар фаъолияти бозиҳо шароитҳои ташкилӣ-педагогии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти муассисаҳои томактабӣ дар самти ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон ошкор карда шуд.

- моҳияти бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ илмӣ муайян карда шуд;
- илман собит гардид, ки роҳандозии мақсадноки ашё ва бозичаҳо дар раванди фаъолияти бозиҳо ба ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ мусоидат мекунанд;
- натиҷаҳои аз таҳқиқот ба даст омада фаҳмишҳои назариявии раванди ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабиро дар фаъолияти бозиҳо васеъ менамоянд;
- ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо дар асоси корҳои озмоишӣ ва натиҷагирӣ аз онҳо илман исбот карда шуд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Маводҳои бо роҳи таҳқиқот ва натиҷаи корҳои озмоишӣ бадастомада, метавонанд ҳамчун манбаи ҳақиқӣ дар таҳқиқи минбаъдаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо хизмат намоянд.

Ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо ба таври назариявӣ ошкор карда шуд.

Имкониятҳо ва иқтидори эҷодии кӯдакони синни томактабӣ барои офаридани нақш дар фаъолияти бозиҳо муайян ва асоснок карда шуданд.

Инчунин, фаҳмиши педагогии имкониятҳо ва хусусиятҳои ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо дар шароити муассисаи томактабӣ васеъ гардид.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Маводҳо ва натиҷаҳои корҳои таҳқиқот барои мукаммал намудани мундариҷаи кори муассисаҳои таълимии томактабӣ дар самти ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо метавонанд мавриди истифода қарор гиранд.

- методҳои босамари педагогии ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ ҳангоми фаъолияти бозиҳо коркард гардид;
- роҳҳо ва усулҳои методикаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакон ҳангоми фаъолияти бозиҳо дар таҷриба дохил карда шуд;
- шароитҳои ташкилӣ-педагогӣ ва методҳои таъсиррасонӣ ба ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ ҳангоми фаъолияти бозиҳо коркард гардид;
- аз натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд педагогҳо ва мураббиёни муассисаҳои таълимии томактабӣ дар фаъолияти худ баҳри беҳтару хубтар ба роҳ мондани машғулиятҳои бозиҳо барои ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон истифода намоянд.
- натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд манбаи боэътимод баҳри баланд бардоштани савияи касбии кормандони муассисаҳои томактабӣ, такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ ва он шахсоне, ки ба корҳои илмӣ машғул мебошанд, гарданд.

**Дараҷаи асосноккунии нуктаҳои илмӣ.** Аз ҷониби муҳаққиқ ба таври муфассал корҳои илмии олимони соҳаи педагогикаи ватанӣ ва хориҷӣ, психологҳо мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор ёфта, шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ ошкор ва мушаххас карда шудааст.

Боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зуҳур меёбад, ки муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, таҳқиқот дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ дар соҳаи

педагогикаи ватанӣ ва фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба мавзуъ ба анҷом расонида шудааст.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои пажӯҳиш, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва гузориши масъала мувофиқанд, коркард ва корбаст шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ҷаласаҳои шуъбаи шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии муассисаи мазкур муҳокима ва мавриди озмоиш қарор дода шудааст.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои таҳқиқот дар семинару конференсияҳо, машғулияту мизҳои мудаввар, семинарҳои омӯзишӣ солҳои 2021-2022 баргузор гардида, ироа, тасвиб ва тасдиқи худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар шакли мақола ва фушурдаҳои илмӣ ба табъ расида, дар конференсияҳои илмию амалӣ дар шакли маърӯза пешниҳод шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин тачрибаи дар кори таълиму тарбия андухташуда ба муаллифи таҳқиқот имкон доданд, ки барои марҳила ба марҳила татбиқ намудани барномаи ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон тавассути бозиҳо тавсияҳо таҳия ва пешниҳод созад.

Аз ин лиҳоз, андешаҳои ироаанамудаи унвонҷӯй Раҳимзода Файзимо Гурез боэътимод ва аз нигоҳи илмӣ асоснок арзёбӣ мешаванд. Муаллифи диссертатсия дониши хуби назариявӣ дошта, дорои қобилияти таҳлилу таҷзия намудани натиҷаҳои таҳқиқот аст.

Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, махсусан мантиқи фикрронӣ қобили қайд ва эътироф аст.

**Дар боби якуми диссертатсия** «Асосҳои назарӣ ва методологии шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ» ва проблемаҳои ҷойдошта дар ин самт андешаҳо баён гардидааст. Дар боби мазкур масъалаҳои фаҳмиш ва таснифи бозиҳои кӯдакони синни томактабӣ, моҳият ва хусусияти бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ, нақши бозиҳо дар ташаккули сифатҳои

маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабиро мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Зикр гардидааст, ки дар давраи аввали кӯдакӣ низоми муносибатҳои байни кӯдак бо калонсолон ва ҳамсолон васеъ мешаванд ва ташаккул меёбанд. Амалҳо мураккабтар гардида, фаъолияти муштарак бо ҳамсолон ба вуҷуд меоянд. Кӯдаки синни томактабӣ олами атрофро дарк карда, муносибатҳоро дар асоси меъёрҳои рафтор ба роҳ мемонад.

Муаллиф қайд мекунад, ки айёми синни томактабӣ давраи кӯтоҳ, вале муҳим барои ташаккули шахсият ба шумор меравад. Дар ин вақт кӯдакон доир ба ҳаёти гирду атроф ва омилҳое, ки ба онҳо таъсир мерасонанд, донишҳои аввалин пайдо мекунад. Яъне, дар онҳо муносибати муайян бо дигарон ба вуҷуд омада, ташаккули хислат, маҳорат ва одатҳои рафтор сурат мегиранд. Дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ мазмуну қоидаҳои бозӣ нақши муҳим доранд. Қоидаҳо бозӣ шароит фароҳам меоранд, то кӯдакон рафторҳои худро ба танзим дароранд, муносибатҳоро дуруст бароҳ монанд ва амалҳоро зери назар қарор диҳанд.

**Боби дуюми диссертатсия** «Усул, шакл ва воситаҳои муайян кардани ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо» мебошад, ки дар он методҳо ва роҳҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо нишон дода шудааст.

Унвонҷӯ масъалаҳои муҳимро дар раванди таҳқиқот ба монанди: рушди самарабахши ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар асоси шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо, бозӣ ҳамчун воситаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ, натиҷаҳои корҳои озмоиширо барои муайян кардани ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо пешниҳод намудааст.

Муаллиф қайд мекнад, ки шароитҳои педагогии бозиҳо барои ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон аз бисёр ҷиҳат аз имкониятҳои муассисаҳои томактабӣ вобастагии калон дорад. Таҳсилоти муосири томактабӣ талаб мекунад, то тамсилаи таълими кӯдакон коркард карда шавад, ки тамоми сифатҳои шахсӣ, малака ва маҳоратро ташаккул диҳанд. Яъне, муассисаҳои томактабиро зарур аст, фаъолияти худро тавре ба роҳ монанд, ки тамоми ҷанбаҳои равонӣ, маърифатӣ, маънавию ахлоқии кӯдакон инкишоф ёбанд.

Бозӣ фаъолияти асосӣ ва машғулияти дӯстдоштаи кӯдакон мебошад. Ин далел имкон медиҳад, ки инкишофи ҳамаҷонибаи мутаносиби кӯдакони синни томактабӣ ва ба ин васила ғанӣ гардонидани таҷрибаи ҳаётии онҳо ба роҳ монда шаванд.

Ҷамъбаст ва таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот аз он шаҳодат медиҳанд, ки кори таҳқиқоти диссертатсионӣ самаранокии худро собит сохтааст ва дар рафти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ҳалли худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, бозгӯйи онанд, ки муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалиро ба анҷом расонида, натиҷаҳои бадастомада дар амал барои ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон муассисаҳои таҳсилоти томактабии кишвар кӯмак ва мусоидат хоҳанд кард.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи истифодаи методҳои объективонаи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои мувофиқи озмоиш ва методологияи мувофиқ, маълумоти аз манбаъҳои гуногун бадастомада, маълумоти омории озмоишӣ, иштирок ва назорати шахсии муаллиф дар раванди корҳои озмоишӣ, мувофиқати натиҷаҳои бадастомада ба таҳқиқотҳои дигари педагогӣ, тафтиш ва назорати шароити муайяншудаи ташкилию педагогӣ бо натиҷаҳои бадастомада ва ниҳоят, дар иртибот бо маълумоти таҳқиқоти дигари психологӣ ва педагогӣ санҷида шудааст.

Автореферати диссертатсия ҷавобгӯи талабот буда, комилан ба мазмуни диссертатсия мувофиқ аст ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф пеши назар меорад. Мақолаҳои нашрнамудаи унвоҷӯй муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ.** Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили мазмуну мундариҷаи рисола муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Муҳаққиқ мебоист санадҳои меъёрию ҳуқуқии зинаи таҳсилоти томактабӣ, махсусан Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 202-2025, Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ “Рангинкамон”-ро ба таври васеътар мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, таъмин намудани шароитҳои

педагогии ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабро тибқи талаботи санадҳои мазкур мавриди таҳқиқ қарор медод. Дар ин мавриду ба мақсаду вавифаҳои гузоштааш бештар ноил мегардид.

2. Дар руйхати адабиёти истифодашуда асарҳои илмию методии олимону муҳаққиқони ватанӣ, ки ба мавзуи таҳқиқотӣ бахшида шудаанд, оварда шудаанд, вале дар диссертатсия ва фишурдаи он ба кадри кофӣ таҳлилу баррасӣ нагардидаанд. Махсусан, таҳлили таҳқиқотҳои олимону муҳаққиқону зинаи таҳсилоти томактабӣ ба диссертатсия арзиши илмии бештар мебахшид.

3. Дар боби дуюми диссертатсия, зербоби 2.2. унвонҷӯ мебоист ҳалли мушкилоти мавҷудбударо дар мисоли баргузории машғулиятҳои таълимӣ тавассути роҳҳои инноватсионӣ пешниҳод мекарданд, ки натиҷаи кори анҷомдода ва навгонии корро васеътар кушода медод.

4. Дар матни диссертатсия гоҳо хатоҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мегарданд, киислоҳи онҳоро зарур мешуморем.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсиониро ба ягон ваҷҳ халалдор намесозанд.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Раҳимзода Файзимо Гурез дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Раҳимзода Файзимо Гурез сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Лоиқов Парвиз Ҷумахонович мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки дар он довталаби

дарачаи илмӣ Раҳимзода Файзимо Гурез иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 12 нафар устодону омӯгорон иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 12 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест. (Қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 28 марти соли 2025, №8).

Раиси ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ,
мудири кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Назаров Ҳотам Сарфарозович

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи
умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Лоиқов Парвиз Ҷумахонович

Котиби ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-методӣ, саромузгори кафедраи
умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Расулова Нодира Сайдаламовна

28.03.2025

**Маълумот барои тамос:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб,
кӯчаи Сангак Сафаров 16;
Тел:(83322) 2 35 06; E-mail: info@kgu.ti: www.kgu.ti

Имзои Назаров Ҳ.С., Лоиқов П.Ҷ., Расулова Н.С.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.